«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
_____ н.и.т. Ниёзӣ С.Р.
аз «13» 10 2026.

ХУЛОСАИ

диссертатсияи Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин унвонҷӯи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим ба шумор мерафт. Унвонҷӯ Азизӣ Муллобобо соли 2012 ба Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ба ихтисоси муаллими химия дохил шуда, онро соли 2016 (ДБА №0002483) хатм намудаст.

Соли 2019 шуъбаи магистратураи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси химия (ДММ №0010400) хатм намудаст.

Унвонҷӯ Азизӣ М.Ҷ. бо фармоиши директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 30.12.2021, №299 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим қабул шудаст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Азизӣ М.Ҷ. дар ҷаласаи Шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 03.03.2022, №02 зери унвони «Асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардидаст. Бо қарори маҷлиси мазкур роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Негматов Садуллоҷон Эргашевич таъин гардидаст.

Муҳаққиқ Азизӣ М.Ҷ. имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои зерин бомуваффақият супоридааст: аз фанни Забони хориҷӣ (англисӣ)

18.11.2022с. - 4 (хуб;)аз фанни Таърих ва фалсафаи илм 02.06.2023 - 4 (хуб) ва аз руйи ихтисос 5.3.9 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) 18.12.2025 - 5 (аъло) супоридааст. Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадиро Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 02.10.2026, №873 додааст.

Диссертатсияи Азизӣ М.Ҷ. дар ҷаласаи васеи ғайринавбатии шуъбаи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим аз «05» октябри соли 2026, № 10/1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон Гулматов Ф. - доктори илмҳои педагогӣ ва Давлатзода С. – номзади илмҳои педагогӣ баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хулоса қабул карда шуд.

Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия. Диссертатсияи Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.3.9 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мутобиқат дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии диссертант ба яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи педагогикаи миллӣ бахшида шудааст. Таҳсилоти фарогир моҳиятан ва мантиқан рукни ҷудонашавандаи ба таълиму тарбия фарогирии хонандагон сарфи назар аз талабот, ниёзҳо, ноқисӣ, иллатҳои гуногуни ақлӣ, ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва амсоли он мебошад. Вазифа аз он иборат аст, ки муаммоҳои мавҷуда ва мушкилоти мутобиқшавии кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба муҳити мактабу ҷомеа, ба марому низоми таълиму тарбия бомуваффақият таҳқиқ гардида, бояд ҳалли худро ёбад.

Ҳадафи асосӣ коркарди асосҳои назариявӣ ва методологии рушди таҳсилоти фарогир дар таълим, тарбия ва рушди хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд, муайян намудани дурнамо ва роҳу равиши рушди муназзам ва мураттаби таҳсилоти фарогир дар заминаи таъсиси муҳити созгори инклюзивӣ, иҷтимоишавӣ, ҳамкории мактаб, хонавода ва ҷомеа дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир мебошад. Таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд маҷмӯи дониш, маҳорат, малака ва муносибатҳоеро

дар бар мегиранд, ки барои мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоӣ, касбӣ ва шахсӣ аҳамияти калидӣ доранд.

Аз ин рӯ, интихоби мавзуи таҳқиқоти Азизӣ М.Ҷ. аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ пурра асоснок буда, ба талаботи воқеии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавоб медиҳад.

Дараҷаи коркарди мавзуи мазкурро муҳаққиқ Азизӣ М.Ҷ. хеле бамаврид дар илми педагогикаи тоҷик таҳлилу баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки масъалаи рушди таҳсилоти фарогир шуруъ аз солҳои 70-уми асри гузашта ба миён омада, аз ҷониби як зумра олимон ва муҳаққиқони олами Ғарб, аз ҷумла, М.Ванг (ИМА), М.Айзенштейн (Фаронса), Н.Норвич (Британиё), донишмандони шинохтаи рус П.П.Блонский, Л.С.Виготский, В.П.Кащенко, С.Т.Щацкий, Н.Н.Малофеев, С.В.Алёхина, Т.Неретина, Е.Н. Кутепова, Т.В.Чиркова, И.А.Соловьёва, А.Г.Асмолов ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ин тадқиқотҳо асосҳои бунёдӣ-методологии рушди таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи боэътимоди маълумотҳои дақиқ, заминаҳои густариш ва таҳаввули масъала аз нигоҳи илмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ мавриди назар қарор ёфтааст. Китобҳои дарсӣ ва рисолаҳои илмии донишмандону муҳаққиқони ватанӣ Маҷидова Б., Юнусова Н.М., Қурбонова Г.А., Байзоев А., Р.Рамазонова, М.Дадабоева, Д.Салямова ва дигарон таҳлил гардида, тавсияҳои ҷолиб пешниҳод шудааст.

Мақсади таҳқиқотро рушди таҳсилоти фарогир дар таълим, тарбия ва рушди хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд, дар заминаи таъсиси муҳити созгори инклюзивӣ, иҷтимоишавӣ, ҳамкории мактаб, хонавода ва ҷомеа дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир ташкил медиҳад.

Вазифаҳои таҳқиқот аз тавзеҳ ва шарҳу тафсири вожаҳо, истилоҳот ва мафҳумоти марбут ба таҳсилоти фарогир дар адабиёти илмии педагогӣ ва психологӣ; роҳандозии дигаргуниҳои ҷиддӣ ва таҳаввул дар фаъолияти мактаби даврони муосир, шуури волидон ва ҷомеа дар таҳкими пояҳои устувори таҳсилоти фарогир, коркард ва пешниҳоди роҳҳои такмили таҳсилоти фарогир ва арзёбии натиҷаҳо, ҳадафҳои иҷтимоишавии онҳо дар муҳити таҳсилоти фарогир иборат мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:

1. Асосҳои бунёдӣ-методологии таҳсилоти фарогир чун проблемаи педагогӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ таҳқиқ ва аз таҷрибаву озмоиши педагогӣ гузаронида шуд;

2. Дар фаъолияти мактаби даврони муосир, шуури волидон ва ҷомеа дар таҳкими пояҳои устувори таҳсилоти фарогир ҳамчун рукни боэътимоди

ҷалби бачагони дорои имконияташон маҳдуд ба раванди иҷтимоишавии фаъол корбаст гардид;

3. Самаранокии робитаи пайвастаи омӯзгорону волидон дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир ҳамчун омили пешбарандаи раванди таҳсилоти фарогир исбот карда шуд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо он асоснок мегарданд, ки мутобиқшавии (адаптатсия) кӯдакону бачагони мушкилотҳои гуногундошта ба муҳити мактабу ҷомеа, қобилияти ворид ва пайваст шудани онҳо ба марому низоми таълиму тарбия маҳсуб меёбад. Муҳаққиқ исбот намудааст, ки иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд раванди ногузири дарк ва қабули меъёрҳо, арзишҳо, малакаҳои рафтору муносибат ва муошират дар доираи ҷомеа мебошад ва он имкон медиҳад, ки бачагони дорои иллатҳои гуногун, аз ҷумла, ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва идроки ноқис ба воқеияти олами беруна ва муҳити мактабу хонавода пайваста мутобиқ шаванд, бо атрофиён муомила, муносибат ва муошират карда тавонанд, ба қобилияти фикр кардан фурӯ раванд.

Асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқот ба дастовардҳои илми педагогикаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти фарогир, назарияи рушди шахсият, иҷтимоишавии онҳо, татбиқи амалии гузариш аз ғояи “тафриқа” ба амсилаи “фарогирӣ” ҳамчун нерӯи пешбарандаи модели сегрегативӣ (таъсиси мактабҳои махсуси фарогир); пешниҳоди роҳи ҳаллу фасли муаммоҳо ва мушкилоти мутобиқшавии кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таҳсилоти фарогир (муҳити мактабу ҷомеа, қобилияти пайваст шудани онҳо ба марому низоми таълиму тарбия) ҳамчун масъалаҳои ҳаётан муҳим ва ҳалталаб андешаҳои ҷолиб ташкил медиҳад. Инчунин, ба муқаррароти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти фарогир, Консепсияи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) (2011-2015), Конвенсияи байналмиллалӣ оид ба маъюбон (2018), Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (2010)такя менамоянд.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат оид ба мувофиқгардонии натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, педагогӣ, равонӣ ва эксперименталӣ созгор буда, ба стратегия ва барномаҳои давлатии рушди илм дар кишвар, махсусан дар самти иҷрои мақсад ва вазифаҳои кишвар роҷеъ ба Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон (2010), Консепсияи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) (2011-2015), Конвенсияи байналмиллалӣ оид ба маъюбон (2018), Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (2010),

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (2010), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак”, нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди таҳсилоти фарогир дар ҶТ ба анҷом расидааст.

Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Довталаб натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру навоҳии Панҷакент (МТМУ №№ 4, 6, 12, 13, 24, 35, 39, 41), ки ба ҳайси муассисаҳои асосии санҷишӣ-озмоишӣ интихоб шуда буданд, ташкилоти ҷамъиятии Маркази дастгирии «Нури умед» дар шаҳри Панҷакент (Ҷамоати деҳоти Саразм, деҳаи Чимқалъа), Маркази тавонбахши “Рахшон” дар шаҳри Панҷакент ташкил доданд. Таҳқиқоти таҷрибавӣ дар марҳилаҳои ташхисӣ, ташкилию ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ анҷом дода шуда, бо иштироки Дар раванди таҳқиқот таҳсили фарогири беш аз 182 нафар хонанда ба манзари мушоҳида ва таҳлил қарор гирифта шуда, иштироки 24 нафар омӯзгор ва 32 нафар падару модар дар раванди санҷиш-озмоиш тавассути пурсишнома аз назар гузаронида шуд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагарӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун додаҳои таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия дида мешавад. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ шудаанд, бешубҳа маҳсули шахсии муаллиф мебошанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи фаъолияти педагогӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла, *банди 1.* «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; *банди 2.* «Амалисозии равандҳои иҷтимоӣ- педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ; - *банди 4.* Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ);

- банди 5. – Меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб ва 9 фасл, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Матни диссертатсия бо забони илмӣ навишта шуда, натиҷаҳои таҳқиқот бо далелҳо, ҷадвалҳо, расмҳо ва маълумоти таҷрибавӣ асоснок гардидаанд.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6-тоаш дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо интишор гардидаанд.

Дар боби аввали диссертатсия - «**Асосҳои назариявӣ ва методологии рушди таҳсилоти фарогир дар таълим, тарбия ва рушди хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд» -** пояҳои бунёдии ташкили таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи нави фазои таълиму тарбия бо дарназардошти ҳуқуқи баробар доштан ба таҳсил, иҷтимоишавии кӯдакон ва бачагони носолим, афроди имконияташон маҳдуд ва ноқис, ашхоси дорои талаботи махсуси таҳсилдошта бо сабабҳои маъюбӣ, камақлӣ, ношунавоӣ, нобиноӣ, мушкилоти гап задан ҳамчун гузориши масъалаи ҳаётан зарур мавриди баррасӣ ва таҳқиқи доманадор қарор гирифтааст.

Дар боби дуюми рисола – “**Муҳити инклюзивӣ – шароити мутобиқи таъмин ва татбиқи таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”** - фароҳам овардани муҳити таҳсилоти фарогир ҳамчун василаи иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дида шудааст ва он аз масъалаҳои асосӣ ва калидӣ дар самти таҳияи низоми мураттаб ва муназзами раванди ин таҳқиқот маҳсуб меёбад.

Дар боби сеюми диссертатсия – **“Дурнамо ва роҳу равиши рушди низоми таҳсилоти фарогир ҳамчун масъалаи педагогӣ ва иҷтимоӣ”** – оид ба ду модели ба ҳам тавъам, ҷуфт ва муносиби татбиқи таҳсилоти фарогир изҳори андеша шуда, мушкилоту дурнамои масъала бобати татбиқи ҳаматарафаи он мавриди таҳлил қарор ёфтааст. Дар ин боб такмили раванди таҳсилоти фарогир, мутобиқгардонии барномаҳои таълимӣ, баланд бардоштани савияи дониш, маҳорат ва салоҳияти омӯзгорон ва мутахассисон (психологҳо, логопедҳо, дефектологҳо, сурдопедагогҳо, олифренопедагогҳо) ба мадди аввали баррасӣ ва роҳандозӣ гузошта шудааст. Дар ин росто коркард ва таҳияи барномаҳои махсуси таълимӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои иҷтимоишавии бачагони нуқсондор дар чаҳорчӯбаи таҳсилоти фарогир аз вазифаҳои муҳим маҳсуб меёбад.

Натиҷаҳои ташхиси марҳилаи назоратии таҷриба тасдиқ карданд, ки ба бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва норасиҳои саломатӣ (зеҳнӣ, ҷисмонӣ) шомил шудан ва роҳ ёфтан ба низоми таҳсилоти фарогир дар мактабҳо ва синфхонаҳои махсус баҳри иҷтимоишавӣ ва парвариш мусоидати комил менамояд.

Хулоса, дар амал татбиқ гардидани маҷмӯи шароитҳои педагогӣ имкон дод, ки як қатор технологияҳои нави педагогӣ дар рисолаи илмӣ асоснок карда шаванд. Онҳо дорои навоварии илмӣ буда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Аз ҷумла, равшан гардид, ки дар робита ба масъалаи ҳамкории омӯзгорон ва волидони бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд роҳандозӣ намудани принсипи “робитаи муттасил ва ногусаста” бағоят муҳим ва зарур дониста мешавад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

1. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуданд:

[1-М]. Негматов С.Э., Азизов М.Ҷ. Таҳсилоти фарогир – падидаи нави низоми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф [Матн] / С.Э. Негматов, М.Ҷ.Азизов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2025. №2 (50). – С.10-15. ISSN 2617 – 5320.

[2-М]. Азизов М.Ҷ. Вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ва муаммоҳо [Матн] / М.Ҷ.Азизов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2025. №3 (51). – С.322-327. ISSN 2617 – 5320.

[3-М]. Азизов М.Ҷ. Таҳсилоти фарогир ҳамчун масъалаи педагогӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ [Матн] / М.Ҷ.Азизов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. 2026. №3-2 (44). – С.145-152. ISSN 2616 – 5260.

[4-М]. Азизов М.Ҷ. Ҳамкории мактаб ва хонавода дар татбиқи босамари таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд [Матн] / М.Ҷ. Азизов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2026. №3 (51). – С. 123-130. ISSN 2617 – 5320.

2. Мақолаҳои дар маҷмӯаи маводи конференсия ва нашрияҳои дигар нашршуда:

[5-М]. Азизов М.Ҷ. Таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд. Монография. Душанбе. Престиж-сервис. 2026.197 с.

[6-М]. Негматов С.Э., Азизов М.Ҷ. Роҳҳои самараноки татбиқи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.Э.Негматов, М.Ҷ.Азизов [Матн] / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалии “Масъалаҳои мубрами методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик: роҳҳои татбиқ ва амалисозии методҳои муосир ва технологияи педагогӣ” Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. 2025. – С.227-232. ISBN 978-999 85-820-7-1.

[7-М]. Азизов М.Ҷ. Баъзе масъалаҳои роҳандозии таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Ҷ.Азизов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи “Технологияи баланд бардоштани мақому манзалат ва уҳдадориҳои омӯзгор” Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. 2025. – С.192-195

[8-М]. Азизов М.Ҷ. Таҳсилоти фарогир: чиро бояд донист ва роҳандозӣ кард [Матн] / М.Ҷ.Азизов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ, тарҷумашиносӣ ва муоширати байнифарҳангӣ дар замони муосир” Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. 2025. – С.91-94.

[9-М]. Азизов М.Ҷ. Дурнамо ва корбасти консепсияи таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи нодир дар соҳаи маориф [Матн] / М.Ҷ.Азизов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ “Стратегияи муосири соҳаи маориф дар шароити рақамикунонӣ. Таҳсилоти фарогир ва муколамаи тамаддунҳо” Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2026. – С.237-242.

[10-М]. Азизов М.Ҷ. Дурнамои таҳсили фарогир ва масъалаҳои мубрами он дар шароити кунунии соҳаи маориф [Матн] / М.Ҷ.Азизов // Паёми Донишкадаи педагогии Тоҷикистон дар ш. Панҷакент. 2026. №1. – С.174-180.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (Педагогикаи иҷтимоӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии

таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (Педагогикаи иҷтимоӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи ғайринавбатии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим санаи «05» октябри соли 2026, № 10/1 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 17 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа,
мудири шуъбаи педагогика,
психология ва методикаи таълими
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон,
д.и.п., профессор Л.Иматзода

Котиби ҷаласа:
н.и.п.,дотсент Г.Ҷонмаҳмадова

Имзоҳои Л.Иматзода ва Г.Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ мекунам:

Нишонӣ: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи А.Адҳамов, 11/2, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
Тел.: +992 2274600; Факс: +992 2274525; www.prmatt.tj;
Е-майл: prmatt@maorif.tj

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон Х.Ҳакимова

ШУЪБАИ КАДРҲО

15.10.2026с.